# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло дар мавзуи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.**

Дар шароити пешрафти давлатдории миллӣ ва мустаҳкам намудани заминаҳои истиқлоли мамлакат таҳқиқ, омӯзиш ва ғанигардонии таърихи халқи тоҷик яке аз вазифаҳои муҳим ба шумор меравад. Аз ин рӯ мавриди таҳқиқ қарор додани асарҳои таърихии асрҳои гузашта, ки дар худ маълумотҳои арзишманди замонро маҳфуз нигоҳ медоранд хеле мубрам аст. Ба ин хотир диссертатсияи Сайдализода Р.А. ба мавзуи мубрам, махсусан дар соҳаи таърихнигорӣ, манбаъшиносии асрҳои миёна бахшида шудааст. Асари Зайниддин Маҳмуди Восифӣ «Бадоеъ-ул вақоеъ» ҳамчун сарчашмаи бузурги таърихию этнографии асрҳои миёна маҳсуб меёбад. Дар аксари мавридҳо дар адабиёти илмӣ низ ин асари бузургарзиш ба сифати сарчашмаи бузурги таърихӣ-фарҳангӣ арзёбӣ мегардад.

Дар автореферат хеле саҳеҳ дарҷ гардидааст, ки “Бадоеъ-ул-вақоеъ” бояд на танҳо ҳамчун асари адабӣ, ҳамчунин дорои маълумотҳои зиёд доир ба авзои сиёсӣ ва воқеаҳои таърихӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, ҳаёти фарҳангии аҳолӣ (урфу одат, анъанаҳо), илмӣ, адабӣ, ҳунарӣ ва рӯзгори табақоти ҷомеа мебошад. Бинобарин асари мазкур ҳамчунин моҳияти бузурги этнографиро ҳам дорад ва барои таърихнигорон ба сифати манбаи сарчашмавӣ аҳаммияти илмӣ-таҳқиқотиро касб менамояд.

Муаллифи автореферат саъй намудааст, ки дар асоси методи муқоисавӣ асари номбурдаро бо дигар асарҳои арзиши бузурги сарчашмавидошта муқоиса намуда, кори таҳқиқотии худро ҷолибтар намудааст. Диссертант ҳамчунин бо истифода аз усулҳои таърихӣ, таҳлилӣ ва системавӣ тавонистааст, ки маълумотҳои дар асари Зайниддин Маҳмуди Восифӣ - «Бадоеъ-ул-вақоеъ» омадаро эътимоднок ва илмӣ баррасӣ намояд.

Дар асари номбурда тасвири ҳаёти ҳаррӯзаи мардум, базморой, ҳунарҳои мардумӣ, намудҳои варзиш, умуман ҳаёти фарҳангӣ барои омӯзиши фарҳанги моддӣ ва таърихи он хеле пурарзиш аст.

Аз лиҳози фарогирии маълумотҳои нодир доир ба муҳити сиёсӣ ва иҷтимоии замони Зайниддин Маҳмуди Восифӣ низ таҳқиқот дорои

ҷанбаи муҳим мебошад. Зеро ӯ ҳамчун шахсе, ки дар ин воқеаҳо ширкат дошта, маълумоти аниқу дақиқ рӯйи қоғаз овардааст. Ин ба муҳаққиқ имкон додааст, ки тасвири таърихии воқеоти он замонро анҷом бидиҳад.

Мақсад ва вазифаҳо, предмет ва объекти таҳқиқот, навгонии илмӣ дар автореферат мушаххас нишон дода шудааст. Бо муайян намудани мубрамияти мавзуъ, ба муаллиф муяссар шудааст, ки дараҷаи омӯзиши онро саҳеҳ карда, ҳадафгузорӣ ва навовариҳоро дар кори таҳқиқотии худ мушаххас кунад. Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ низ хеле васеъ оварда шудааст ва дар он қариб ҳамаи таҳқиқотҳои дар ин самт анҷомдодашуда оварда шудаанд.

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва пешниҳодҳои муаллифи он дар оянда низ барои давом додани таҳқиқоти илмӣ дар ин самт ва истифодаи сарчашмаи мазкур барои рушансозии таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд.

Тарҷумаи русии мазмуну мундариҷа ва муҳтавои автореферат низ аз ҷиҳати илмӣ пурра ва мувофиқ аст.

Автореферати диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло дар мавзуи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV- XVI», ба талаботи илмии сатҳи номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда,** номзади илмҳои таърих, дотсент
мудири кафедраи дипломатия ва муносибатҳои
байналмилалии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Алуев А.С.

**Имзои** А.С. Алуевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.

19.09.2026

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кучаи Саид Носир 33
+992 (37) 224-17-86
info@apa.tj